**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 04.07.2026, протоколи №54 барои сазовор донистани Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 25- уми апрели соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович 21-уми октябри соли 1992 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси математика хатм кардааст.

Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович аз соли 2022 унвонҷӯи кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, айни ҳол дар вазифаи мутахассиси пешбари раёсати таълим ҳамзамон муаллими калони кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ: Собиров Абдусабур Шукурович –** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич –** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Сатторов Қ.А. бо имзои раиси ҷаласа д.и.п., профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Нугмонов М., ташхисгар, д.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Мирзозода Р.Р. ва котиби ҷаласа, н.и.п. Амируллозода М.А. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И. аз 18-уми майи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович дар мавзуи «Назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни

соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 10 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақола ба нашр расонидааст.

**1. Сатторов, Қ.А.** Тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ [Матн] // Қ.А. Сатторов / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №3(28). – С. 115-121. **ISSN 2616-5260**

2. **Сатторов, Қ.А.** Вазъи таълими курси математика, омилҳо ва сабабхои манфӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика [Матн] // Қ.А. Сатторов / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №4(29). – С. 226-238. **ISSN 2616-5260**

3. **Сатторов, Қ.А.** Таҳлили нақшаву барномаҳои таълимӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика [Матн] // Қ.А. Сатторов, А.Э. Сатторов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2023. – №12. – С. 251-259. **ISSN 2074-1847**

**4. Сатторов, Қ.А.** Вазъи таълими курси математика ва омодагии касбии донишҷӯёни самти математикаи донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ [Матн] // Қ.А. Сатторов, А.Э. Сатторов / Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - 2023. – №1/3(113). – С. 133-138. **ISSN: 2663-5534**

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович ворид шудаанд:

1. Олимӣ Ашуралӣ Рамазон – д.и.п., дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат аст.

2. Қурбоншоев Сафаралӣ Завқибекович – д.и.ф-м., профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Азимова Назира Самадовна – д.и.п., и.в. профессор, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»- и МД «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон». Тақриз мусбат аст.

4. Ахмедзода Зебунисо Партов – н.и.п., декани факултети технологияиҳои копютерӣ ва амнияти киберии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– муайян кардани асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– асоснок кардани нақши зиёд намудани миқдори фанҳои таълимии тахассусӣ ва соатҳои таълимӣ бо нигоҳ доштани муттасилии фанҳо дар нақшаҳои таълимӣ дар баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯён;

– муайян кардани роҳҳои назорат ва баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни ихтисосҳои самти математика;

– таҳияи дастури таълимии намунавӣ аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо мувофиқ бо низоми таълими босалоҳият, ки истифода аз он дар тайёрии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи самти математика муфид хоҳад буд;

– муайян кардани сабабу омилҳои мусбат ва манфии вазъи таълими курси математика дар раванди омодакунии мутахассисони ихтисосҳои самти математика;

– муайян намудани меъёру нишондодҳо оид таълими босалоҳият вобаста ба баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

– технологияи омодасозии омӯзгорони оянда, дар баланд бардоштани савияи дониши назариявии математикӣ ва тайёрии касбии донишҷӯён;

– маводи назариявии омӯзишӣ барои донишҷӯёни самти математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муфид буда, дар назорат, идоракунӣ ва баланд бардоштани донишҳои математикии онҳо пурра истифода карда мешавад;

– истифодаи натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот заминаи рушди минбаъдаи тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар омодасозии мутахассисони касбии самти математика бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: истифодаи методҳои таълими босалоҳият дар таълими фанни тахассусии алгебра ва назарияи ададҳо, инчунин, татбиқи пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар назария ва амалияи назорат ва идоракунии тайёрии касбии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи самти математика дар МТОК таъмин менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевоситаи ӯ дар интихоб ва масъалагузориҳои мавзуъ, ҷобаҷогузории мавод ифода меёбад. Таҳияи натиҷаҳо ва

муҳтавои асосии рисолаи ба ҳимоя пешниҳодшуда низ саҳми шахсии муаллифи рисоларо муаррифӣ менамоянд. Муаллиф, зимни таҳқиқот методикаи муайяни таълими фанҳои алгебра ва назарияи ададҳоро мутобиқ бо низоми таълими босалоҳият таҳия ва роҳандозӣ намуда, дар он саҳми муайян гузоштааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 4- уми июли соли 2026 оид ба сазовор донистани Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси**
**шурои диссертатсионӣ** **Нугмонов М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

"_04_" ___07___ 2026

ҷ.м.